# МОДУЛИ 4

## МАВЗӮИ ЛЕКСИЯ: Масъалаи инкишофи психика аз нигоҳи олимон.

Нақша:

1.Саҳми олимон дар омӯзиши инкишофи психика ва шуури кӯдак.

2.Инкишофи психика аз нигоҳи А.Валлон.

3.Таълимоти З. Фрейд.

5.Таълимоти Ж.Пиаже ва Л.С.Виготский доир ба нутқи эгосентрикӣ.

Омӯзиши масъалаи инкишофи психика ва шуури кӯдак диққати олимони шинохтаи соҳоҳаи гуногунро ҷалб намудааст.

Физиологи машҳури олмонӣ Б. Прейер китоби «Рухи кудак»-ро таълиф кард, ки барои омӯзиши инкишофи психологияи бачагона марҳилаи нав кушод ва он як навъ ҷамбасти таҷрибаҳои бисёрсолаи ӯ ба ҳисоб мерафт. Ӯ инкишофи кӯдакро дар батни модар шарҳу эзоҳ намуда инкишофи беруназбатнии кӯдакро бо мафҳуми «психоненесиз», яъне инкишофи психологӣ ишорат кардааст. Аҳамияти омили биологиро дар инкишофи психикаи кӯдак махсус қайд намудааст. Ба ақидаи Прейер майнаи сари кӯдак «чун лавҳи тоза» аст ва онро ба таҷрибаи шахсӣ вобаста кардан хатои маҳз аст. Баъд аз асари Прейер мушоҳидабарӣ ва мунтазам ба қайд гирифтани амалу ҳаракатҳо ва нутқи кӯдакон дар корҳои муҳаққиқони минбаъда мушоҳида мешаванд.

Вилям Штерн психологи олмонӣ дар китобаш «Психологияи кӯдакони сини барвақти бачагӣ» инчунин мушоҳидаҳое, ки бо заҷааш аз 3 нафар кӯдаконро аз синни барвақтӣ то 5-6 солагӣ бурда буданд хусусиятҳои инкишофи психикаро омӯхтанд. Дар он дараҷаи инкишофи идрок, хотир, тафаккур, хаёл, нутқ, ҳиссиёту иродаи онҳоро муайян намуданд. Онҳо мушоҳидаҳои худро дар рафти фаъолиятҳои бозӣ, меҳнат, машғулиятҳои расмкашӣ, ба роҳ монда далелҳои ба даст овардаашонро дар корҳои илмӣ васеъ истифода бурданд.

Минбаъд В.Вундт хусусиятхои инкишофи идрок ва ҳиссиёти кӯдаконро дар лабараторияи озмоишии шаҳри Лейпсиг омӯхта буд.

Стенли Холл, ки шогирди В.Вунд буд низ ба омӯзиши инкишофи идроки фазо, эҳсоси ҳаракатӣ-мушакӣ ва ҳиссиёти кӯдакон машғул шуда буд. Ӯ инкишофи психики кӯдакро аз нуқтаи назари рекапитулятсия (лот. такрор) маънидод мекард, ки кӯдак дар инкишофи фардии худ давраҳои асосии таърихи навъи башарро такрор менамояд. Аз ин лиҳоз ӯ талаб мекард, ки калонсолон ба ҷараёни аз тарафи кӯдак бартараф кардани инстингтҳои ваҳшиёна, ба шаклҳои қадимии тафаккури фаҳмиши олам набояд дахолат кунанд. Ӯ тарафдори назарияи тарбияи озод буд.

С.Холл асосгузори илми педалогия буд, ки он дар солҳои 20-30 асри 20 равнақ ёфта буд. Педалогия маҷмӯи маълумотҳои илмҳои психологӣ, тиббӣ, биологӣ, физиологӣ, педагогӣ ва сотсиологиро дар бар мегирифт, ки дар инкишофи кӯдак илми комплексӣ ва ягона ба шумор мерафт. Вале муттаҳидкунии илмҳо ба таркиби илмӣ оварда нарасонид, чунки асоси чунин таркибро фаҳмиши механики таъири дуомила (ирсият ва муҳит) ташкил мекард, онҳо гӯё инкишофи психикиро бевосита муайян мекарда бошанд. Дар солҳои 20 дар ИҶШС маҷмӯи муассисаҳои педалогӣ васеъ паҳн шуданд. Бо ёрии тестҳо, ки асоси педалогия ба ҳисоб мерафт дараҷаи инкишофи психики кӯдаконро ва мактабхононро (коэфетсиенти истеъдоди ақлӣ) муайян карда мешуд. Ба туфайли педалогия дар мактабҳо хадамоти психологӣ ҷорӣ карда шуда буд, ки дар он давра нахустин қадамҳои пойдоршавии психологяи амалӣ буд. Бо вуҷуди ин дар миёни солҳои 30 илми ба илми педалогия баҳои сазовор дода нашуд, баръакс ҳамчун як воситаи др психологияи шуравӣ раҳ ёфтани ғояҳои буржуазӣ фаҳмида мешу два он ҳамчун илм барҳам дода шуд.

С.Холл ба омили биологӣ вобаста будани инкишофи психики кӯдакро қайд карда, ташаккули шахсияти кӯдакро дар ҳар зинаи синнусолӣ ба рафти инкишоф вобаста мекунад. Масалан, дар бозии кӯдакон рафторҳои инстиктивии амалҳои одамони ҷамъиятиибтидоӣ дида мешавад.

Анри Валлон дар китобҳояш «Инкишофи психикаи кӯдак», «Манбаҳои инкишофи тафаккури кӯдак» ақидаҳои пешқадамро қайд кардааст. Дар таҳқиқи онтогенезии инсон ӯ ба усули диалектикӣ муроҷиат карда ба чунин хулоса меояд, ки қувваи ҳаракаткунандаи психикаи кӯдакро шароити зиндагӣ, муҳити атроф ва шахсони иҳотакарда ташкил медиҳанд. Тамоми инкишофи психика ҷараёни мураккаби робитаи байни тағйиротҳои микдорию сифатӣ буда, тавассути бартарафкуниҳои зиддияту бӯҳронҳо, ихтилофҳои байни хелҳои наву кӯҳнаи фаъолият,чун ҳаракат аз як давра ба давраи дигар мегузарад. А.Валон дар психология

инкишофи психикии кӯдакро ба 7 давра ҷудо карда пайдарпаии ин давраҳоро қатъи мешуморад, мавқеи муҳими ҳар як давраро дар инкишофи шахсият нишон додаст.

Зигмунд Фрейд назарияи психоаналитикиро кор карда баромад. Ба ақида ӯ инкишофи психика навовариҳои миқдорию сифатӣ бавуҷуд меоянд ва ҳар як навоварӣ ба давраҳои муайяни синусол мутаалиқ аст. таркиб меёбад. Аз ин рӯ ӯ синнусолро ба таври мушаххас ба давраҳо тақсим намудааст, ки дар он мавҷуд будани «МАН» ва иҷрои амалҳоро вобаста ба қонеъ гардидани талаботҳои ҳар як инсон нишон додаст. Инчунин Зигмунд Фрейд дар психология проблемаи дар шахс ба вуҷуд омадани комплексро омӯхта буд. Аз рӯи ақидаи Фрейд ҳар як инсон нисбат ба шахсияти хеш таваҷҷуҳ зоҳир мекунад, дар ӯ худбинӣ ба истилоҳ «эго» ба вуҷуд меояд. Механизми ташаккулёфтани онро дида баромада қайд кардааст, ки кӯдак дар симои калонсолон хусусият ва сифатҳое, ки худ дорои он аст мебинад, муқоиса мекунад. Аз рӯи ақидаҳои Фрейд ба ташаккул ёфтани комплекс дар инсон муҳит ва муносибати калонсолон таъсир мерасонад. Аз ин маълум мешавад, ки кӯдак бо «комплекс»-ҳо таваллуд намешавад он дар рафти ба воя расидан ба вуҷуд меояд. «Комплекс» маҷмӯи муайяни ҳодиса ва амалиётест, ки дар инсон пайдо шуда дар натиҷа шуурро ба худ вобаста мегардонад.

Эрик Эриксон низ ба психологияи давраи бачагӣ ва ҷавонӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир намуда оид ба хусусиятҳои психологии онҳо як қатор китобҳо таълиф намудааст. Ӯ бештар назарияи таъсири байниҳамдигарии шахсият ва муҳит, асоси методи психологӣ-таърихии тадқиқи одамонро кор кардааст. Мувофиқи назари ӯ дар ҳар як давраи инкишоф кӯдак малакаҳоеро ҳосил мекунад, ки ба ҳамон муҳии иҷтимоӣ хос мебошад ва барои ояндаи ӯ зарур аст. Дар инкишофи психика ба масъалаи бавуҷудомадани бӯҳронҳоро нишон додаст. Дараҷаҳои инкишофи психикаи инсонро Эриксон ба 8 давра тақсим кардааст, ки 4 давраи он ба инкишофи психикаи кӯдак алоқаманд аст.

Жан Пиаже инкишофи акли-зехнии кудаконро аз рузи таваллуд то 18 солаги омухта онро ба давраxо таксим намудааст, ки ҳангоми аз як давра ба давраи дигар гузаштан дар кӯдак дониш, ҷаҳонбинӣ ва муносибатҳо нисбати олами иҳодакарда тағйир меёбанд, ки он аз давраҳои сенсомоторӣ, пеш аз амалиёт, тайёрӣ ва ташаккули амалҳои мушаххас, пайдошавӣ ва инкишофи амалҳои расмӣ-формалӣ ё худ амалҳои шаклӣ иборат мебошанд.

Ж.Пиаже инчунин ба масъалаи азхудкунии нутқ диққати махсус дода ҳангоми гузаронидани таҷриба як намуди аҷиби нутқи кӯдаконро

мушоҳида кард. Кӯдакон дар вақти расмкашӣ дар бораи расми кашидаи худбайни ҳамдигар муошират мекарданд, аммо диққати онҳо ба якдигар равона нашуда буд. Ин гуна нутқро Пиаже нутқи эгосентрикӣ номид, ки маънои нутқи ба худ мутамарказонидашударо дорад ва ба ақидаи ӯ ин нутқ ба дигар кӯдак равона карда шудааст.

Л.С.Виготский инчунин ба ин масъала диққат дода нутқи эгосентирикиро бо усули озмоиш омӯхта, ба саволҳо ҷавоб меҷуст:

1. Ин намуди нутқи эгосентикӣ ба куҷо ва ба кӣ равона шудааст?
2. Барои гӯш кардан ҳамсӯҳбат ва ё шунаванда лозим аст ё не?

Барои ба саволи 1-ум ҷавоб ҷустан ӯ дар лабаратория чунин вазъиятро ташкил кард. Ба кӯдакон қалами нӯгаш шикастагӣ ва ба дохили сӯрохӣ гузошта шударо медиҳад. дар вақти расм каши нӯги қалам доимо афтида меистад ва дар ҳолат кӯдак гап мезанад. Аз ин Виготский хулоса мебарорад, ки нутқи мутамарказонидашуда ба дигар кӯдак равона карда нашудааст, балки ин нутқ ба фаъолият равона шудааст, ба фаъолияте, ки нотамом мондааст. Масалан: нӯги қалам мешиканад, кӯдак гап мезанад.

Барои ба саволи 2-юм ҷавоб ҷустан ҳамон гуна ваъиятро ташкил мекунаду кӯдаки солимро дар байни кӯдакони ношунаво ва гунг ҷойгир мекунад. Ҳама ба расмкаши машғул мешавнд. Дар аввал кӯдаки солим бо бачаҳои атроф гап мезад, баъд аз чанд лаҳза хомӯш мешавад.

Аз ин хулоса бароварда шуд, ки барои нутқи мутамарказонидашуда ҳаман ҳамсӯҳбат ва шунаванда лозим аст.

Ин намуди нутқ дар калонсолон низ мавҷуд аст.

Чунин тадқиқотҳо исбот карданд, ки дар 5 солагӣ нутқ вазифаи банақшагириро иҷро мекунад. Нутқи дохилӣ инкишоф меёбад ва хусуси хосро дорад: кӯдак ҳангоми ба нақшагирӣ бо овози баланд гап мезанад онро ба шахси дигар равона мекунад, баъд кӯдак худ ба худ гап мезанад, ки инро нутқи дарунӣ мегӯянд ва барои ин шунванда даркор нест.

Ба воситаи нутқ кӯдак на танҳо муошират мекунад инчунин фаъолияти худро ба нақша мегирад.

А.Н. Леонтев (1903-1979) назарияи психологияи фаъолиятро кор карда баромадааст.